Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович ба диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба бандҳои Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.08 «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.4. Таърихи инкишофи назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.5. Танзим ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ, 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, 1.12. Шаклдигаркунии ҳисоботи молиявии миллии мутобиқ бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои давлатҳои дигар мутобиқ аст.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Инкишофи муносибатҳои иқтисодии бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули механизми нави танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-

иқтисодиро тақозо мекунад. Яке аз омилҳои рушди самараноки корхонаҳо таъминоти иттилоотии онҳо мебошад. Самти муҳими таъминоти иттилоотии менеҷменти корхона ва истифодабарандагони беруна мукамалгардонии методологияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб меравад. Низоми рушдкардаи баҳисобгирӣ пояи фундаменталии таъминоти иттилоотӣ ба шумор рафта, он ба воситаи методологияи густурдаи пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ таъмин карда мешавад.

Новобаста аз дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти хоҷагидорӣ, ҳануз ҳам низоми пештараи баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқ нагардидани он ба талаботи СБҲМ ба назар мерасад ва ҷанбаҳои назариявию методологии ислоҳоти он аз нигоҳи илмӣ асоснок ва ба ҳолати ифодакунии он баҳси илмӣ дода нашудааст. Гузашта аз ин, ҳанӯз ҳам дар низоми ташкили баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ масъалаҳои ҳалталаб зиёданд, ки таҳқиқ ва пажӯҳиши илмиро тақозо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки гузариш ба Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва ислоҳоти гузаронидашудаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар раванди баҳисобгирии дохили корхонаҳо, тоҳол тағйироти назаррас мушоҳида намешавад. Роҳҳои мукаммалгардонии танзими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи талаботҳои СБҲМ дар асоси баҳодиҳии ҳаматарафаи раванди ислоҳоти дар низоми ташкили баҳисобгирӣ гузаронидашуда то ҳол ба пуррагӣ дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ инъикос наёфтааст. Дар баробари ин, масъалаҳои методологии ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба зернизомҳои алоҳида, танзими меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ, низоми нақшаи ҳисобҳо вобаста ба талаботи низомҳои гуногуни баҳисобгирӣ, омодасозӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳаи ҳисобдорӣ таҳқиқоти амиқро тақозо мекунанд.

Ҷой доштани мушкилоти ҷиддӣ хоса дар ташаккул ва такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ махсусан дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, омузиш ва таҳқиқи илмии таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи дунё оид ба низоми ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ, низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, омӯзиши ҷанбаҳои таърихии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ, равишҳои назариявии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, нақши баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, масъалаҳои институтсионалии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ,

муаммоҳои раванди тадбиқи СБҲМ, хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва дигар масъалаҳои такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ, махсусан дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, муҳимияти мавзӯи таҳқиқот ва зарурияти онро ифода менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳо пешниҳод гардидаанд, эътимоднок мебошанд, ки ин бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот доир ба мавзуи таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва гузоришҳо дар конференсияҳои илмӣ тасдиқ мегардад. Тавсияҳои амалии барои такмили низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва гузариш ба СБҲМ пешниҳодшуда бо натиҷаҳои таҳлилии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои алоҳида ва далелҳои зарурӣ асоснок карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар асосноккунии муқаррароти назариявию методологии ислоҳоти низоми баҳисобгирии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба гузаштани корхонаҳои ватанӣ ба низоми стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунин нуқтаҳоро дар бар мегиранд:

- хусусиятҳои пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун соҳаи илм ва соҳаи фаъолият муайян карда шуда, марҳилаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ аз нигоҳи нав таҳқиқ ва арзёбӣ карда шудаанд, баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун инъикоскунандаи фаъолияти хоҷагидории корхона муайян карда шуда, амсилаи шабеҳи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ бо нишон додани алоқамандии унсурҳои баҳисобгирӣ ва вазифаҳои идоракунӣ тартиб дода шудааст;
- зарурати роҳандози намудани ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба гузариши субъектҳои хоҷагидорӣ ба истифодаи СБҲМ асоснок карда шудааст, раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, дар ин

замина тадбирҳои асосӣ барои гузариш ба СБҲМ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои ислоҳот муайян карда шудаанд, омилҳои боздорандаи иҷрои ҳадафҳои ислоҳот ошкор ва арзёбӣ карда шуда, барои бартараф кардани онҳо пешниҳодҳо таҳия шудаанд;

- мушкилоти асосии наздикгардонии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз дар доираи сиёсати баҳисобгирӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудаанд, тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз, таҳияи нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод карда шудаанд;

- бо истифода аз равиши таърихӣ шароити рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таъсири омилҳо ба равандҳои таҳаввули он, талаботи тиҷорати муосир ба дигаршавии шакли баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷудо шудани намудҳои он муайян карда шудааст, мушкилоти методологии ҷудошавии баҳисобгирии муҳосибии ягона ба намудҳои алоҳида – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз ба низом даровwarda шудааст;

- камбудиҳои методологии СБҲМ ва ҳисоботи молиявии дар асоси онҳо таҳияшуда ошкор карда шуда, барои бартараф кардани онҳо тавсияҳо таҳия шудаанд, амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шудааст, ки дар доираи он баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз вазифаҳои худро иҷро карда, маълумоти ҳамдигарро истифода мебаранд;

- дар асоси таҳқиқи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди ҳамгироии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ дар миқёси байналмилалӣ, таҳлил ва арзёбии таъсири равандҳои ҳамгирой ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ муайян карда шудаанд, таъсири омилҳо ба стандартонии байналмилалии қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳқиқ ва арзёбӣ карда шуда, хусусиятҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд;

- хусусиятҳои иқтисодиёти муосир вобаста ба таъсирашон ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ арзёбӣ карда шуда, омилҳои бо вазъи имрӯзаи иқтисодиёт алоқаманд, чун рушди технологияҳои рақамӣ, густариши ҳолатҳои буҳронӣ, дигаршавии амсилаҳои тиҷоратӣ, пайдо шудани намудҳои нави дороиҳо ва аҳдҳои

тиҷоратӣ, таваҷҷуҳ ба нақши иттилооти ғайримолиявӣ ва дигарҳо муайян карда шуда, алоқамандии онҳо бо баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли амсила пешниҳод карда шуда, ҳамчунин зарурати ҳамоҳангсозӣ ва стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир асоснок карда шудааст;

- мушкилоти раванди гузариш ба СБҲМ дар мамлакатҳои ИДМ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, хусусиятҳои миллииислоҳоти муҳосибӣ дар мамлакатҳои мазкур арзёбӣ карда шудаанд, тарзҳои истифодаи СБҲМ дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибии ин мамлакатҳо тавсиф ва ҷамъбаст гардида, душвориҳои дар рушди низоми назорати сифати ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда дар мамлакатҳои ИДМ таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд, барои тақвият бахшидан ба равандҳои гузариш ба СБҲМ тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд;

- дар асоси таҳқиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ зарурати таҷдиди назар кардани онҳо тасдиқ карда шуда, барои такмили санадҳои меъёрии мазкур тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд;

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Диссертатсия бо сабки илмӣ навишта шуда, пайдарпайии пешниҳоди мавод, мустақилияти муаллиф дар тавзеҳоти ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва методию ташкилии баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити истифодабарии СБҲМ эҳсос карда мешавад, инчунин диссертатсия дар заминаи эътимоднок таҳия шудааст. Дар диссертатсия усулҳои муосири методологӣ ва методӣ истифода шудаанд, ки ба мақсади гузошташуда мувофиқат мекунад.

Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар диссертатсия бадаст омада бо матни диссертатсия ҳамрадиф буда, аз вазифаҳои гузошташуда сарчашма мегирад. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти диссертатсияро фаро мегирад. Аз тарафи диссертант тавсияҳои консептуалӣ ва методӣ оид ба рушди баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити истифодабарии СБҲМ коркард карда шудаанд.

Аоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии нуқтаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шудааст, ки он аз тарафи муаллиф истифода намудани самтҳои асосӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқотҳои илмии появӣ ва назариявии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба муаммоҳои инкишофи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити

истифодабарии СБҲМ баррасишуда муайян карда мешавад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ пешниҳод карда шуданд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот дар фаъолияти иқтисодӣ-молиявии ҶСП «Комбинати металургии тоҷик» (маълумотномаи №16/8 аз 6.04.2023с.) ва ҶДММ «Моор Стивенс» (маълумотномаи №34 аз 12.04.2023с.) истифода бурда шудааст. Инчунин, дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ», «Аудит», «Назорати давлатии молиявӣ», «Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз», «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» дар зинаи бакалавриат ва магистратураи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми (Санад аз 10.02.2023с.) истифода шудааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Дар боби якуми диссертатсия** ҷанбаҳои таърихии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ таҳқиқ карда шуда, равишҳои назариявии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, нақши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ муайян карда шудааст. Раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва вазъи гузариши он ба СБҲМ таҳлил ва арзёбӣ карда шудааст.

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти инсон таърихи тӯлонӣ дорад, вале ҳамчун соҳаи илм нисбатан нав аст. Вобаста ба ин, ӯ бо омӯзиши интишороти хориҷӣ ва ватанӣ таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва таърихии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибиро ҳамчун илм анҷом дода (саҳ. 19-29), дар ин бора ақидаи худро иброз намудааст (саҳ. 32-33). Яъне, баҳисобгирии муҳосибӣ имрӯз тамоми аломатҳои асосгузори рушди илмиро доро мебошад, чун соҳаи омӯзиш, мафҳумҳо, назария, дастаи усулҳои пешниҳод кардани маълумот, соҳаи густурдаи манфиатҳо ва корбурди иттилооти дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бунёдшаванда. Акнун вай чун соҳаи ба мувофиқа омадани манфиатҳои давлат ва тиҷорат дар шароити рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ баррасӣ мешавад.

Вобаста ба масъалаи рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва баланд шудани мақоми иттилоот дар идоракунӣ муаллиф аҳамияти махсус пайдо кардани усулҳо ва қоидаҳои нави идоракунии равандҳои

тиҷоратии корхона, пешбурд ва такмили баҳисобгирии муҳосибӣ, таъмини робитаи байни муҳосибот ва дигар қисматҳои сохтории низоми идоракунии корхона, тартиб додан ва ба истифодабарандагон пешниҳод кардани ҳисоботи молиявиро қайд намуда, ҳадафҳо ва самтҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибиро тавассути унсурҳои таъминоти иттилоотии идоракунӣ муайян ва ҳамаи инро дар шакли тарҳ пешниҳод кардааст (саҳ. 40).

Муаллиф ҳангоми таҳқиқи низоми муосири баҳисобгирии муҳосибӣ ва муайян кардани нақши он дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ усулҳои системавӣ, шабоҳат ва амсиласозиро ба кор бурда, ҳамчунин хусусиятҳо ва шароити истифодаи амсилаҳои баҳисобгирии муҳосибиро арзёбӣ намудааст (саҳ. 45-48). Ҳамаи ин ба ӯ имкон додаст, ки амсилаи шабеҳи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъекти хоҷагидориро тартиб диҳад ва дар он алоқамандии баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ, баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андозро тасвир карда, рафтори унсурҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ – дороиҳо, ухдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷотро вобаста аз хусусиятҳояшон дар равандҳои таъминот, истеҳсол ва фурӯши масҳулот муайян кунад (саҳ. 49). Амсилаи таҳияшуда равандҳои истеҳсолӣ, ҳаракат ва вазъи дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, пардохтҳо, хароҷот ва даромадро аз ҷиҳати миқдорӣ ва арзишӣ ифода мекунад.

Дар диссертатсия таъкид карда мешавад, ки имрӯз дар баробари таҳқиқи ҷиҳатҳои таърихии пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва рушди он масъалаҳои вазъи ояндаи баҳисобгирии муҳосибӣ низ ба омӯзиш ниёз доранд ва вобаста ба ин, муаллиф чунин омӯзишро анҷом додааст. Дар ин маврид ӯ ба хулоса омадааст, ки самаранокии истифодаи иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ба таври назаррас баланд мешавад, агар дар корхона низоми асоснок ва мутавозини баҳисобгирии муҳосибӣ таъсис дода шавад, яъне сатҳи зарурии эътимоднокӣ ва саҳеҳии иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ инъикосшавандаро таъмин кунад, зеро қарорҳои идоракунӣ дар асоси маълумоти беэътимод ва носаҳеҳ бешубҳа хато хоҳанд буд ва метавонад ба корхона зарари калон расонанд (саҳ. 59).

**Дар боби дуюми диссертатсия** қисматҳои асосии методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ – раванди таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ, заминаҳои ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ карда шуда, тамоюлҳои рушди методология ва амалияи ташаккул ва рушди баҳисобгириим уҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар шароити СБҲМ муайян карда шудаанд.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки имрӯз вазифаи аввалиндараҷаи субъектҳои хоҷагидорӣ барои дуруст ба роҳ мондани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳия ва тасдиқи сиёсати баҳисобгирӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Дар диссертатсия мушкилоти таҳияи сиёсати баҳисобгирии муносиб дар субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва арзёбӣ карда шудаанд (саҳ. 98-101). Муаллиф сабаби асосии пайдо шудани ин мушкилотро дар муносибати нодурусти роҳбарият ва муҳосибони субъектҳои хоҷагидорӣ ба ин ҳуҷҷати муҳим арзёбӣ мекунад ва роҳҳои ҳалли мушкилоти мазкурро нишон медиҳад (саҳ. 102-104).

Дар доираи таҳқиқи мушкилоти таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ инчунин дар диссертатсия ба яке аз унсурҳои асосии он – нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ диққати муҳим дода шудааст. Муаллиф мушкилоти татбиқи нақшаи расмии ҳисобҳоро, ки дар мамлакат аз соли 2011 тасдиқ шудааст ҳамаҷониба таҳқиқ намуда (саҳ. 103-105), роҳҳои бартараф кардани онҳоро низ нишон додааст.

Муалиф заминаҳои ҷудошавии намудҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибиро дуруст таҳлил намуда (саҳ. 114-123), шароит ва роҳҳои ҳамгирошавии онҳоро муайян кардааст. Ӯ сабаби асосии зарурати ҳамгирошавии намудҳои баҳисобгирии муҳосибиро ба мафҳуми “хароҷот” алоқаманд медонад. Ба андешаи ӯ, ҳамгироии намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои танзимкунӣ ва назоратиро, ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ иҷро мекунад, васеъ гардонад ва робитаи заруриро дар байни хадамоти истеҳсолӣ, технологӣ ва иқтисодии корхона таъмин кунад.

**Дар боби сеюми диссертатсия** хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ошкор ва арзёбӣ карда шуда, масъалаҳои ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ бо талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ таҳқиқ карда шудаанд, ҳамчунин вазъи стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ИДМ таҳлил ва арзёбӣ карда шудааст.

Дар диссертатсия хусусиятҳои иқтисодиёти муосир муайян ва арзёбӣ карда шуда, як қатор тамоюлоти онро ҷудо карда шудаанд, ки ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонанд. Дар ин маврид, муаллиф омилҳои асосии ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ таъсиррасонро ҷудо намуда, дар шакли амсила пешниҳод кардааст (саҳ. 207). Дар амсилаи мазкур нишон дода шудааст, ки рушди технологияҳои рақамӣ, густариши

ҳолатҳои бухронӣ дар иқтисодиёти корхонаҳо ва ноустувории муҳити атроф, талаботи нав ба низоми идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ, дигаршавии амсилаҳои тиҷоратӣ, пайдо шудани намудҳои нави дороиҳо, аҳдҳои тиҷоратӣ ва шаклҳои ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ, имконияти ба куллӣ нави технологӣ дар соҳаи тавлид ва истифодаи иттилоот, таваҷҷуҳ ба нақши иттилооти ғайримолиявӣ, ҳаракати воқеъбинона ба ҷониби байналмилаликунонии қоидаҳо ва стандартҳои тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва аудити он – ҳамаи ин ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва имконияти рушди он чӣ гуна таъсир мерасонанд.

Муаллиф хусусиятҳои рушди баҳисобгирии муҳосибиро вобаста ба равандҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, аз ҷумла дар доираи ҳамгироии байни мамлакатҳои ИДМ таҳқиқ карда, барои рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои судманд пешниҳод кардааст (саҳ. 220-237).

**Дар боби чорум масъалаҳои** мукаммалсозии низоми танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ баррасӣ шуда, яке аз унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирии корхона - нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун воситаи ноилгардии ҳадафҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Ҳамчунин масъалаҳои омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф яке аз роҳҳои асосии татбиқи бобарори СБҲМ-ро дар мамлакат дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ дар такмили санадҳои меъёрии танзимкунанда муқаррар мекунад (саҳ. 238-256). Дар ин маврид ба бозбинии нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ диққати муҳим дода шудааст (саҳ. 257-274). Сабаби асосии нокомиҳоро дар раванди татбиқи СБҲМ дар нарасидани кормандони дорои дараҷаи баланди тахассусӣ медонад. Вобаста ба ин муаллиф тавсияҳои самарабахш пешниҳод кардааст (саҳ. 275-290).

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар таҳияи васеътари муқаррароти назариявӣ-методологӣ ва равишҳои нав дар рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити татбиқи СБҲМ зоҳир мегардад. Хулоса ва тавсияҳои таҳияшуда ба такмили ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташкили пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат намуда,

самаранокии тадбиқи онҳоро баланд мебардоранд. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои таҳқиқоти илмии минбаъда дар самти таҳқиқоти муаммоҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва татбиқи СБҲМ ҳамчун замина баромад намоянд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки асосҳои илмӣ, методологӣ ва амалии гузаронидани ислоҳот ва такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити татбиқи СБҲМ коркардашуда, муқаррарот ва тавсияҳои дар диссертатсия таҳия шуда аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҷдид назар ва мукаммал намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин дар фаъолияти шуъбаҳои муҳосиботи корхонаву ташкилотҳои ҷумҳурӣ истифода карда шаванд. Дар баробари ин, муқаррароти алоҳидаи таҳқиқот дар раванди таълимии фанҳои мухталифи ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шуда метавонанд.

**Аҳамияти иқтисодӣ** таҳқиқоти анҷомдодашуда дар он ифода меёбад, ки татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот истифодабарандагонро бо маълумоти саҳеҳ ва эътимоднок таъмин намуда, ҷалби сармоягузориро ба фаъолияти корхонаҳо таъмин месозад. Ҳамзамон, наздик намудани низоми миллии баҳисобгири муҳосибӣ мутобиқи талаботҳои иқтисоди бозорӣ ва СБҲМ бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ, баромадан ба бозорҳои моилиявии байналмилалӣ ва билохира таъмини руши босуботи корхонаҳо дар шароити рақобат ва ноустуворӣ мебошад.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои дар диссертатсия бадаст омада шаффофияти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва маълумоти ҳисоботи молиявиро таъмин намуда, воридшавии пардохтҳои ҳатмии давлатиро пурра ва саривақт таъмин месозад, ки дар ниҳоят ба таъмини некуаҳволии мардум оварда мерасонад. Ба замми ин, кормандон, менеҷерон, саҳҳомон, қарздиҳандагон ва дигар истифодабарандагон маълумоти муҳосиботиро бо иттилооти эътимоднок ҷиҳати қабули қарорҳои гуногун таъмин менамояд. Инчунин, ба рушди сатҳи касбияти муҳосибон, беҳтар намудани сифати омодасозии мутахассисон, рушди институтҳои ҷамъиятии муҳосибон ва аудиторон, инчунин иштироки онҳо дар раванди ислоҳити соҳаи баҳисобгирӣ ва аудит мусоидат мекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

Қодирова Гулмо Толибовна мутахассиси варзидаи соҳаи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит мебошад, диссертатсияи ӯ ба тахассуси илмии интихобнамудааш мутобиқат мекунад. Мавзуи диссертатсия, сохтор ва муҳтавои кори иҷрокардашуда ба талаботҳои бандҳои Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.08 «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои дар диссертатсия гирифташуда ба тахассуси илмии унвоҷуи дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад. Унвонҷу ҳамчун корманди илмӣ бакамолрасида буда, метавонад дар сатҳи баланд корҳои илмӣ-таҳқиқотиро ташкил намуда, мустақилона қарор қабул намоянд ва роҳҳои расидан ба мақсад ва вазифаҳои гузошташударо муайян кунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Доир ба мавзуи таҳқиқот 27 мақолаҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии 17,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 14,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз ҷумла, 1 монография, 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 31, 32, 33, 34, 35, 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) муқарраршуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии масъалаи мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, маълумот оид ба асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳимми онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мақсад ва мундариҷаи асосии таҳқиқотро пурра инъикос намуда, мутобиқ ба талаботи мавҷудбуда таҳия карда шудааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар доираи диссертатсия**

Дар диссертатсияи тақризшаванда якчанд ҳолатҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки ба чанде аз онҳо бояд диққат дод.

1. Муаллиф дар саҳифаҳои 7,8,9-и автореферат навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дар саҳ. 9-11 нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар даҳ банд пешниҳод намудааст. Аммо дар қисми мазмуни мухтасари диссертатсия ин нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро гурӯҳбанди карда дар чор банд пешниҳод менамояд. Ба андешаи мо, чунин тарзи гузориш ва пешниҳоди навгониҳо барои муҳокима ба мақсад мувофиқ нест, зеро дар ин ҳолат на ба ҳаммаи масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушаххасан ҷавоб пешниҳод карда мешавад ва асосноккунии илмӣ низ душвор мегардад.

2. Муаллиф дар саҳ. 39 қайд менамояд, ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба истифодабарандагони манфиатдор иттилооти зарурии саҳеҳро барои қабули қарорҳои идоракунӣ таъмин кунад. Дар ин маврид дар диссертатсия оид ба пешниҳоди маълумоти молиявӣ зиёд сухан меравад. Вале бояд қайд кард, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ нақши маълумоти ғайримолиявӣ дар қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби шахсони манфиатдор низ назаррас аст, ки дар диссертатсия ба ин масъала диққати муҳим дода нашудааст. Ҳолатҳои зикри масъалаи мазкур, ки дар саҳ. 207 (расми 3.2) оварда шудаанд, ҳалли масъалаи мазкурро пурра карда наметавонанд.

3. Дар саҳ. 246 муаллиф зикр намудааст, ки барои ташаккули низоми танзимкунии меъёрӣ, ки ба ҳадафҳои ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бештар ҷавобгӯ бошад, коркардҳои методӣ дар доираи зинаи сеюми танзимкунӣ зарур мебошанд ва қайд намудааст, ки ин ҷо пеш аз ҳама сухан дар бораи таҳия кардани дастурамалҳо ва тавсияҳои методии соҳавӣ, хусусан оид ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва таркиби хароҷот дар соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти алоҳида меравад. Вале дар бораи раванди таҳияи чунин ҳуҷҷатҳо чизе қайд нашудааст, аз ҷумла дар бораи қабул ва тасдиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, № 505 “Дар бораи қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)”. Хуб мебуд, агар муаллиф муҳтавои ин санадро вобаста ба робитаи он ба мавзуи диссертатсия таҳлил ва арзёбӣ мекард.

4. Параграфи 3.3 диссертатсия ба масъалаҳои таҳлили вазъи стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ бахшида шудааст, ки ин хуб аст. Вале, бояд қайд кард, ки ташкилотҳои минтақавии дигар доир ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҷаҳон кам нестанд. Хуб мебуд, агар доир ба фаъолияти чунин ташкилотҳо ва саҳми онҳо дар такмили баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ таҳқиқот мебурд.

5. Муаллиф дар параграфи 4.2 (саҳ. 257-275) масъалаҳои вобаста ба таҳия ва истифодаи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва аҳамияти онро дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар раванди ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ муҳокима карда, баъзе камбудиҳои нақшаи ҳисобҳои амалкунандаро ошкор кардааст. Хуб мебуд, агар муаллиф доир ба такмили нақшаи ҳисобҳо андешаҳои худро тақвият бахшида, тариқаи нави онро, ки ба шароити имрӯза ва муқаррароти СБҲМ ҷавобгӯи онро пешниҳод мекард.

6. Муаллиф дар параграфи 4.3 оид ба масъалаҳои омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ мулоҳизаронӣ намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки имрӯз эҳтиёҷи бахши соҳибкории иқтисодиёти миллӣ ба муҳосибони касбӣ ба миён омадааст (саҳ 278). У баъзе мушкилоти дар раванди омодасозӣ ва сертификатдиҳии муҳосибони касбиро қайд кардааст, вале дар бораи комёбиҳо дар ин самт кам гуфтааст. Хуб мебуд, агар муаллиф дар бораи фаъолияти Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии молия», ки пештар дар масъалаҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии муҳосибони касбӣ корбарӣ мекард, инчунин дар бораи фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ дар диссертатсия маълумот меовард.

7. Вобаста ба пешниҳоди ҳисобҳои баҳисобгирии андозӣ дар доираи ташкили баҳисобгирии худмухтории андозӣ пешниҳодҳо дида намешаванд.

Бояд қайд кард, ки ҳолатҳои зикргардида хосияти тавсиявӣ доранд ва ба арзиши умумии илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса**

Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси

08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти илмии баитмомрасида мебошад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34, 35 "Тартиби додани унвонҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ**
**ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Ш. Шоҳтемур** **Шарифов З.Р.**

(**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.
Тел: 905-00-44-00; E-mail: zarif_sharifov49@mail.ru )

Имзои д.и.и., профессор Шарифов З.Р.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Ш. Шоҳтемур** **Абдуҳалимзода Н.А.**